**Андози иҷтимоӣ**

Моддаи 332. Меъёрҳои андоз

1. Меъёри андози иҷтимоӣ барои суғуртакунандагон ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои муассисаҳои буҷетӣ – 25 фоиз;

- барои ташкилотҳои дигар – 20 фоиз.

2. Меъёри андози иҷтимоӣ барои суғурташудагон ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои муассисаҳои буҷетӣ – 1 фоиз;

- барои ташкилотҳои дигар – 2 фоиз.

3. Барои соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва аъзои хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ меъёри ҳадди ақалли андози иҷтимоӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

4. Меъёри андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда (хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ), ки ба сифати шахсони суғурташуда донista мешаванд, ба 1,0 фоиз аз манбаи андоз, вале на камтар аз андозаи ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ (бо назардошти коэффитсиенти минтақавӣ), ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, баробар мебошад. Дар сурате, ки чунин соҳибкор дар давраи ҳисоботӣ даромад надошта бошад, он ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо, бо назардошти коэффитсиенти минтақавӣ, ки барои соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, пардохт карда мешавад.

5. Барои шахсони воқеӣ-резидентҳо, ки дар намояндагиҳои дипломатӣ, консулигариҳои давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта кор мекунанд ва хизмат мерасонанд, меъёри андози иҷтимоӣ барои суғуртакунандагон ба андозаи 20 фоиз ва барои суғурташудагон 2 фоиз муқаррар карда мешавад.